5.8.2. [13.00.02] НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ
5.8.2. [13.00.02] ТЕОРИЯ И МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ
5.8.2. [13.00.02] THEORY AND METHODS OF TEACHING AND UPBRINGING
*ТДУ 37.0*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-2-138-142*

# *ТАТБИҚИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ЧУН ОМИЛИ САМАРАБАХШИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ ВА ИНКИШОФИ МАЛАКАҲОИ МУОШИРАТӢ*

***Рабиев Сатторбердӣ Мавлонович***, *н.и.п., дотсенти кафедраи табиӣ-риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳои МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ВНЕДРЕНИЕ АКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ КАК ФАКТОРА ЭФФЕКТИВНОСТИ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНЫХ НАВЫКОВ*

***Рабиев Сатторберди Мавлонович,*** *доцент кафедры математики и естествознания, эстетического воспитания и методики преподавания ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# *IMPLEMENTATION OF ACTIVE TEACHING METHODS AS A FACTOR OF EFFECTIVE COGNITIVE ACTIVITY AND DEVELOPMENT OF COMMUNICATION SKILLS*

***Rabiev Sattorberdi Mavlonovich***, *candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of mathematics and natural science, aesthetic education and its methods of teaching, SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *rabiev0512@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: фаъолияти маърифатӣ, усули фаъоли таълим, кори гурӯҳӣ, нақшофарӣ, омӯзиши интерактивӣ, ҳамкории мутақобила, муошират, муносибатҳои салоҳиятнокӣ*

*Дар мақола масъалаҳои ташкили раванди таълим бо истифодаи усулу тарзҳои фаъоли таълим мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи мақола моделҳои ғайрифаъол ва фаъоли ташкили раванди омӯзишро таҳлилу баррасӣ намуда, таъкид медорад, ки ташкили ҷараёни таҳсилоти муосир ва талаботҳои ҷомеаи имрӯза ба шахсият истифодаи усулҳои ҳамкориро тақозо менамоянд. Муаллиф дар заминаи таҳлили асарҳои олимони соҳа моҳият ва самараи татбиқи фаъолияти муштараконаи омӯзишро тавзеҳ бахшида, вазифаву шартҳои педагогии истифодаи усулҳои фаъоли таълимро ба қалам додааст.*

***Ключевые слова**: познавательная деятельность, активный метод обучения, групповая работа, деловые игры, интерактивное обучение, взаимодействие, общение, компетентностные отношения*

*В статье рассматриваются вопросы организации учебного процесса с использованием активных методов и приёмов обучения. Автор статьи анализирует и обсуждает пассивную и активную модели организации учебного процесса и подчеркивает, что организация современного образования и запросы общества требуют использования кооперативных методов. На основе анализа работ ученых в данной области автор подчёркивает сущность и эффективность осуществления совместной учебной деятельности, педагогических задач и условий использования активных методов обучения.*

***Key words**: cognitive activity, active teaching method, group activity, role playing, interactive learning, interaction, communication, competence relations*

*The article discusses the issues of organization of educational process with the help of active teaching methods. The author of the article analyzes and discusses the passive and active models of organization of learning process. He emphasizes that the organization of modern education and the demands of today's society require the use of cooperative methods. Based on the analysis of the works of scientists in the field, the author explains the essence and effectiveness of implementation of interactive teaching activity and outlines the pedagogical tasks and conditions of using active teaching methods.*

Ташаккули тарзу усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар баробари инкишофи ҷамъияти инсонӣ ба амал омад. Шояд таълими фардӣ кадимтарин шакли ташкили раванди омӯзиш буд. Қадами навбатӣ дар ин самт усули омӯзиши инфиродӣ-гуруҳӣ буда, дар ибтидои асри XVII ин усулу тарзҳои раванди таълим дигар ба талаботи ҷамъият ҷавоб намедиҳанд. Аввалин асосҳои таълими гуруҳӣ пайдо шуданд, ки асоси низоми синфӣ-дарсӣ гардиданд, ки таҳияву тасдиқи онро ба педагоги бузурги чех Я.А. Коменский нисбат медиҳанд.Низоми синфии дарс ва усулу тарзҳои анъанавии таълим, ки мақсади додани донишро мегузошт ба талаботи маълумот дар охири асри XIX ва асри XX ҷавобгӯй буд.

Дар замони муосир тасаввуроти ҷомеа дар бораи ҳадафҳои таҳсилот ва роҳҳои татбиқи он ба куллӣ тағйир ёфта, мутобиқи он ташкили раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз робитаи равишҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим сифатан нав карда мешавад.Баръакси дарси анъанавӣ, мақсади дарси муосир ба ташаккул ва рушди фаъолияти таълимии ҳамаҷиҳата (универсалӣ) нигаронида шудааст. Натиҷаи дарси муосир на пешрафт ва ҳаҷми маводи омӯхташуда, балки фаъолияти таълимии ҳамаҷиҳата (универсалӣ) бадастовардаи хонандагон, ба монанди қобилияти амал, қобилияти татбиқи дониш, амалӣ намудани лоиҳаҳои худ, қобилияти амали иҷтимоӣ мебошад, ки татбиқи усулу технологияҳои фаъоли таълимро тақозо менамояд.

Педагогикаи муосир моделҳои зерини таълимро нишон медиҳад, ки бо хусусиятҳои хосашон аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд:

1) ғайрифаъол - хонанда ҳамчун "объекти" омӯзиш амал мекунад (гӯш мекунад ва нигоҳ мекунад)

2) фаъол - хонанда ҳамчун «яке аз субъекҳои» таълим баромад мекунад (кори мустақил, супоришҳои эҷодӣ). Модели фаъоли таълимро дар замони муосир нисбатан такмил бахшида "интерактивӣ" низ меноманд, ки раванди таълим дар шароити ҳамкории доимии омӯзгору хонанда ва хонандаву хонандаро дар назар дорад. Дар ин раванд омӯзгору хонанда субъектҳои баробарҳуқуқи таълим маҳсуб меёбанд.

Модели фаъоли таълим истифодаи ҳамаҷонибаи тарзу равиш ва усулҳои фаъолкунандаи раванди омӯзишро (симулятсияи компютерӣ, нақшбозӣ, таҳлили ҳолатҳои мушаххаси психологӣ ва ғайраҳо) дар алоқа бо корҳои беруназсинфӣ дар назар дорад.

Фаъолияти муштараки хонандагон дар раванди омӯзиш ва азхудкунии маводи таълимӣ маънои онро дорад, ки ҳар як нафар саҳми фардии худро мегузорад, байни иштирокдорони раванди таълим мубодилаи донишу афкор, роҳҳои фаъолият ба амал меояд. Гузашта аз ин, ин тарзи ташкили фаъолият дар фазои хайрхоҳӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ ба амал меояд, ки на танҳо ба гирифтани донишҳои нав имкон медиҳад, балки худи фаъолияти маърифатиро инкишоф медиҳад, онро ба шаклҳои олии ҳамкорӣ мегузаронад.

Хусусияти муҳими омӯзиши интерактивӣ сатҳи баланди фаъолияти мутақобил нигаронидашудаи субъектҳои раванди таълим, ягонагии эмотсионалӣ ва маънавии иштирокчиён мебошад. Ҳангоми истифодаи тарзу тариқаҳои таълими интерактивӣ хонанда иштирокчии комили раванди идрок мегардад, таҷрибаи ҳаётии ӯ ҳамчун манбаи асосии дарки асосҳои дониши илмӣ хизмат мекунад. Дар ин маврид муаллим дониши тайёр намедиҳад, балки хонандагонро ба ҷустуҷӯй ташвиқ мекунад. Дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии гузаронидани дарсҳо, дар таълими интерактивӣ фаъолияти мутақобилаи омӯзгор ва хонанда тағйир меёбад, зеро фаъолнокии омӯзгор ҷои худро ба фаъолнокии хонандагон медиҳад, вазифаи ӯ фароҳам овардани шароит барои ташаббуснокии хонандагон мегардад. Омӯзиш тариқи интерактивӣ як масъалаи муҳими дигареро ҳал мекунад. Сухан дар бораи истироҳат, рафъи фишори асаб, иваз кардани диққат, тағйир додани шаклҳои фаъолият ва ғайра меравад. Он шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ мебошад, ки ҳадафҳои хеле мушаххас ва пешбинишаванда дорад. Яке аз ин мақсадҳо фароҳам овардани шароити мусоиди таълим, яъне шароите мебошад, ки дар он хонанда муваффақияти худ, қобилияти зеҳнии худро ҳис мекунад, ки худи раванди таҳсилро маҳсулнок мегардонад.

Б.Ц.Бадмаева чунин меҳисобад, ки «омӯзише, ки ба психологияи муносибат ва амалҳои мутақобилаи одамон асос ёфтааст» интерактивӣ маҳсуб меёбад [1,с.74].

Ба андешаи Д. Махотин "фаъолияти интерактивӣ ташкил ва рушди муоширати муколамаро дар бар мегирад, ки боиси ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, ҳалли муштараки вазифаҳои умумӣ, вале муҳим барои ҳар як иштирокчӣ мегардад"[7,с.39].

Е.В.Коротаева чунин мешуморад, ки омӯзиши интерактивиро бояд чун як падидаи бисёрҷанба баррасӣ кард, зеро он дар як вақт се масъаларо ҳал мекунад:

таълимӣ ва маърифатӣ (ниҳоят мушаххас);

коммуникативӣ-инкишофёбанда (бо заминаҳои умумӣ, эмотсионалӣ ва зеҳнӣ алоқаманд аст);

иҷтимоӣ нигаронидашуда (натиҷаҳои он аллакай берун аз вақт ва фазои таълимӣ зоҳир мешаванд).

Ҳамзамон муаллиф қайд мекунад, ки "омӯзиши интерактивӣ раванди маърифатиест, ки дар он дониш дар фаъолияти муштарак тавассути муколама, полилоги хонандагон байни худ ва омӯзгор ба даст меояд» [3,с.102].

Ташкили дарс бо истифодаи технологияҳои фаъоли таълим дар асоси ҳамкории ҳамаи иштирокчиёни ин раванд амалӣ мегардад. Ин ҳамкориро омӯзиши интерактивӣ низ мегӯянд, зеро дар ҷараёни он ҳамкории мутақобилаи омӯзгору хонанда, ва хонандаю хонанда сурат мегирад.

Хусусиятҳои асосии ин ҳамкории мутақобила инҳоянд:

дар фазои ягонаи таълимӣ қарор доштани субъектҳои он;

якҷоя ҷустуҷӯй намудани роҳи ҳалли масъалаи гузошташуда, яъне, дохил шудан ба фазои ягонаи эҷодӣ;

ҳамкорӣ дар интихоби восита ва татбиқи усулҳои ҳалли мушкилот; воридшавии муштарак ба ҳолати эмотсионалии наздик, эҳсосоти ҳамсадо, ки ҳангоми қабул ва татбиқи ҳалли мушкилот ҳамроҳӣ мекунанд.

Истифодаи технологияҳои фаъоли таълим барои ҳавасмандсозӣ ва ҷалби ҳамаи хонандагон ба муҳокимаи мавзӯъ, иҷрои супоришҳо ва муаррифии натиҷаҳои кори мустақилона нигаронида шуда, барои ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоӣ равона мегарданд. Ин бо роҳи ташкили кори гурӯҳии хонандагон: кори дунафарӣ, кор дар дастаҳои хурд ё гурӯҳҳои хурд амалӣ мегардад. Самаранокии кори гурӯҳӣ истифодаи усулу тарзҳо фаъоли таълимро тақозо менамояд, ки барои рушди зеҳн ва фаъолнокии хонандагон мусоидат намояд.

Тарзу равишҳои фаъолсозии таълим амали мушаххаси ҳамкории омӯзгор ва хонанда дар раванди татбиқи усулҳои интерактивии омӯзишанд, ки туфайли онҳо силсилаи қоидаҳои ташкили ҳамкории хонандагон бо ҳамдигар ва омӯзгор дар шакли бозиҳои таълимӣ, бозиҳои " фаъолияти корӣ",нақшбозӣ, мубоҳисаҳо амалӣ мешаванд, ки боиси рушди фаъолияти таълимии ҳамаҷиҳатаи (универсалии) хонандагон мегарданд.

Истифодаи усулҳои интерактивии омӯзиш ҷузъи асосии дарси муосир маҳсуб меёбад.Татбиқи бомавриди равишу тарзҳои гуногуни фаъолсозӣ мушкилоти зиёди раванди таълимро сабук гардонида, барои инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ нисбат ба фан, равнақи фаъолияти таълимии хонандагон дар дарс, ташаккули шахсияти эҷодии хонанда мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, онҳо барои омузиши ҳамдигарӣ имконият медиҳанд, зеро шаклҳои гурӯҳии кор ва раванди машваратиро дар бар мегиранд. Зимни истифодаи усулҳои фаъоли таълим омӯзгор нақши раҳнаморо иҷро намуда, фақат фаъолияти хонандагонро барои расидан ба мақсад равона мекунад.

Усулҳои интерактивии таълимро метавон дар марҳилаҳои гуногуни дарс истифода бурд: ба вуҷуд овардани рӯҳияи эмотсионалӣ ва ҳавасмандкунӣ дар оғози дарс, фаъолгардонии донишҳои мавҷуда ва азхудкунии донишҳои нав, мулоҳизаву барқарорсозии робитаи мутақобила ва ғайра.

Хонандагон тавассути иштироки фаъолона дар раванди таълим маводи омӯхтаашонро осонтар аз худ мекунанд, мефаҳманд ва ба хотир мегиранд. Дар ин замина, навовариҳои асосии методии муосир бо истифодаи технологияҳои интерактивии таълим марбутанд. Муносибат ба таҳсилоти замони муосир бояд ба ҷорӣ намудани навгониҳо дар раванди таълим равона карда шавад, ки ба вобастагии байниҳамдигарии вижагиҳои динамикаи инкишофи ҳаёт ва фаъолият, хусусияти технологияҳои гуногуни таълим ва талаботи шахсият, ҷомеа ва давлат ба рушди ҷомеаи иҷтимоии дорои дониши муфид, эътиқод, хислату характер, муносибат ва таҷрибаи рафтор марбут аст. Омӯзгори замони муосир нақши як навъ филтрро, ки иттилооти таълимиро ба воситаи худ мегузаронад, рад намуда, вазифаи маслиҳатдеҳ дар иҷрои кор, яке аз манбаъҳои иттилоотро иҷро мекунад.

Дар омӯзиши интерактивӣ ду вазифаи асосиро иҷро кардан лозим аст, ки барои фаъолияти муваффақ заруранд:

ҳалли вазифаҳои пешбинишуда (таълимӣ, рафторӣ ва ғайра);

расондани кӯмак ба аъзои даста дар рафти фаъолияти якҷоя.

Дар раванди таҳсил омӯзгор асосан ба ҳалли масъалаи таълимӣ эътибори хешро равона месозад. Чунин бартаригузорӣ дар фаъолияти мутақобилаи омӯзишӣ ба ташкили дарс бо

усулҳои анъанавӣ хос ва нисбатан самарабахш буд. Аммо ҳангоми ташкили кори гурӯҳӣ, самаранокии омӯзиш бештар аз фазои мусоиди эмотсионалии микрогурӯҳ вобаста аст. И.А. Зимняя инро алоқаи психологӣ ё умумияти ҳолати равонӣ меномад, ки фаъолияти якҷоя боиси ба миён омадани шавқу ҳавас, боварии тарафайн ва ҳамдигарфаҳмии иштирокдорон гардидааст. Ташаккули ҷомеаи гурӯҳӣ аллакай дар марҳилаи ба гурӯҳҳо муттаҳид намудани хонандагон оғоз меёбад [2,с.310].

Ҳамин тариқ, вазифаҳои омӯзиши интерактивӣ инҳоянд:

бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон;

азхудкунии самараноки маводи таълимӣ;

мустақилона ҷустуҷӯй намудани роҳ ва тарзҳои ҳалли вазифаи таълимии пешниҳодшуда аз ҷониби хонандагон (интихоби яке аз тариқаҳои пешниҳодшуда ё дарёфти тариқаи ҳал ва асосноккунии он);

ба роҳ мондани ҳамкории байни хонандагон, омӯзиши кор дар даста, таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҳар як нуқтаи назар, эҳтироми ҳуқуқи ҳар кас ба озодии баён, эҳтироми шаъну эътибори ӯ;

ташаккули афкор ва муносибати хонандагон;

ташаккули малакаҳои зиндагӣ ва таълимӣ;

ноил гардидан ба сатҳи салоҳияти бошууронаи хонанда.

Ҳангоми истифодаи усул ва тарзҳои омӯзиши интерактивӣ сохтори дарс марҳилаҳои зеринро метавонад дарбар гирад:

Ҳавасмандкунӣ. Ҳангоми ташкили ин марҳила усулҳои ҳавасмандкуниро аз як дарс ба дигараш иваз кардан лозим аст.

Муқаррар кардани ҳадаф. Ибрози ҳадафу мақсадҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки фаъолияти минбаъдаро мақсаднок ба роҳ монанд. Муаллим ба хонандагон пешниҳод ва ташаккул додани ҳадафҳои дарсро меомӯзад.

Пешниҳоди маълумоти нав. Ин марҳила имкон медиҳад, муайян карда шавад, ки хонандагон оиди мавзӯи дарси имрӯза чиро медонанд ва чӣ барои онҳо ношиносу нофаҳмост.

Ташкили фаъолият бо истифодаи усулу тарзҳои интерактивӣ. Бачаҳо дар гуруҳои хурд кор карданро машқ мекунанд. Хуб мешавад, агар хонандагони дорои сатҳҳои гуногуни иттилоот дар ҳар гурӯҳ бошанд. Ин имкон медиҳад, ки худи бачагон дониши ҳамдигарро пурра ва ғанӣ гардонанд. Ҳар як гурӯҳ бояд ба қадри имкон мухтасар ва иттилоотӣ сухан гӯяд.

Пешниҳоди маҳсулоти нав. Бо назардошти миқдори маълумоте, ки хонандагон азбар кардаанд, ба онҳо имконият дода мешавад, ки хулосаҳои худро баён кунанд ва нуқтаи назари хешро иброз намоянд.

Рефлексия (Робитаи мутақобила).Дар ин марҳила бояд натиҷаи кори анҷомдодаи хонандагон ҷамъбаст карда шавад. Ин марҳила ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои нави бадастомада ва мавриди татбиқи онҳоро муайян кунанд .

Арзёбӣ. Мушкилии ин марҳила дар он аст, ки арзёбӣ бояд хонандагонро барои кори минбаъда ҳавасманд кунад.

Супориши вазифаи хонагӣ. Супориш барои иҷрои кор дар хона бояд чунин бошад, ки имкони татбиқи эҷодкоронаи маводи дар дарс омӯхташударо фароҳам орад.

Истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш ба шароити ташкили таълим ва фаъолияти омӯзгор тағйироти муайян ворид месозад. Назди ин навъи ташкили фаъолияти таълимӣ як қатор шартҳои педагогиву психологӣ меистанд, ки риояи онҳо самараи хуб ба бор хоҳанд овард. Шартҳои зарурии ташкили омӯзиши интерактивӣ инҳоянд:

сатҳи баланди касбии омӯзгор; муносибати хайрхоҳона байни омӯзгор ва хонандагон ва байни худи хонанадагон; риояи принсипҳои баробариву ҳамкорӣ дар раванди муошрати омӯзгор ва хонандагон; гуногунии шаклу усулҳои пешниҳоди иттилоот, шаклҳои фаъолияти хонандагон, ҳаракатнокии онҳо; бедор намудани ваҷҳи фаъолият, инчунин ҳавасмандии мутақобилаи хонандагон; истифодаи технологияҳои мултимедӣ; ташаккули ҳисси боварӣ, ҳадди ақал муносибати мусбӣ байни омӯзгор ва хонандагон; ба роҳ мондани услуби демократӣ ва инсонгароёнаи таҳсил; ҳамкорӣ дар раванди муошрати омӯзгор ва хонандагон; такя ба таҷрибаи шахсии (педагогии) хонандагон, ворид намудани мисолҳо, далелҳо, тасвирҳои ҷолиб дар раванди таълим; гуногунии шаклу усулҳои пешниҳоди иттилоот, шаклҳои фаъолияти

хонандагон, ҳаракатнокии онҳо; дохил намудани ангезаи берунӣ ва дохилии ваҷҳи фаъолият, инчунин ҳавасмандии мутақобилаи хонандагон.

Истифодаи усулҳои интерактивии омӯзиш имкон медиҳад, ки дар як вақт якчанд масъалаҳои раванди тадрис ҳалли худро ёбанд. Татбиқи нн навъи муносибат ба ташкили раванди таълим, пеш аз ҳама ба инкишоф додани малакаҳои муоширатӣ, ки барои барқарор кардани робитаҳои эмотсионалии байни хонандагон мусоидат мекунад, равона гардида, дар як вақт вазифаи тарбияивиро ба сомон мерасонад, зеро он хонандагонро барои дар як даста кор кардан, гӯш кардани фикру мулоҳизаҳои рафиқонашон водор месозад. Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, истифодаи усулҳои интерактивӣ дар раванди таълим ба фароҳам омадани муносибати инсонгароёнаву хайрхоҳона ва бе ҳаросу ихтиёронаи омӯзиш мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки шаклҳои фаъолияти таълимии хонандагон зуд-зуд тағйир дода шаванд ва диққат ба масъалаҳои асосии мавзӯи дарс равона гардад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Асмолов, А.Г.Как проектировать универсальные учебные действия в начальной школе: от действия к мысли: пособие для учителя/ Асмолов, А.Г., Бурменская Г.В., Володарская И.А. - М.: Просвещение, 2010.-152 с.
2. Зимняя, И.А. Педагогическая психология: Учебник для вузов - изд. второе, доп., испр. и перераб/ И.А.Зимняя. - М.: Логос, 2002. - 384 с.
3. Коротаева, Е.В. Психологические основы педагогического взаимодействия/Е.В.Коротаева.- М.: Профит Стайл, 2007. - 224 с.
4. Кофанова, С.Л. Метод Case-study. [Электронный ресурс] URL: http://conseducenter.ru.
5. Матюхина, М.В. Мотивация учения младших школьников/М.В.Матюхина. - М., 1984
6. Мельникова, Е.Л. Проблемный урок, или, как открывать знания с учениками: Пособие для учителя/Е.Л.Мельникова.-М., 2006-168 с.


## REFERENCES:


1. Asmolov, A. G. How to project universal educational activities in primary school: from action to thought: Teacher’s manual / Asmolov A.G. Burmenskaya G.V., Volodarskaya I.A., - M.: Prosveshenie, 2010 – 152p.
2. Zimnyaya I.A., Pedagogical psychology: A textbook for higher-schools-second edition, I.A. Zimnyaya. – M.: Logos 2002, - 224p.
3. Korotaeva, E.V. Psychological basics of pedagogical interaction / E.V. Korotaeva. – M.: “Profit style”,2007. – 224p.
4. Kofanova S.L. Case-study methodology. [e - resource] URL: http: // conseducenter.ru.
5. Matyukhina M.V. Study motivation of junior school-children/ M.V. Matyukhina. –M., 1984
6. Melnikova E.L. Problematic lesson or how to open knowledge to pupils: Teacher’s Manual / E.L. Melnikova. – M., 2006.-168 p.